*Ба Шурои диссертатсионии* 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон *(734025, ш. Душанбе,* кучаи Мирзо Турсунзода 30*)*
*E-mail:* rajabova@rambler.ru

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи “Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод гардидааст.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир роҳи гузариш ба иқтисоди инноватсиониро пеш гирифта, барои бартарафсозии мушкилоти иқтисодӣ ва устувор гардонидани ҳамкориҳои дохилию соҳавӣ ва байналмилалӣ кӯшиш ба харҷ додаистодааст.

Воқеан, солҳои охир дар кишвар бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ ба истифода дода шудаистодаанд. Ҳукумати мамалкат барои ноил гаштан ба ҳадафҳои стратегӣ гузариш ба рушди устувори инноватсиониро вазифаи аввалиндарҷа ҳисобида, фаъолияти корхонаҳои санотиро ҳамчун омили бартарафсозии мушкилоти иқтисодӣ ва рушди устувори инноватсионӣ меҳисобад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки соҳаи саноати хӯрокворӣ, яке аз соҳаҳои асосии рушди иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, барои қонеъгардонии талаботи рӯзмараи халқ равона мегардад. Он ба ташаккули бозори дохилӣ (озуқаворӣ), амнияти озуқаворӣ, рушди истеҳсолот, ММД ва умуман ба иқтисоди кишвар мусоидаткунанда мебошад.

Дар автореферати таҳқиқотчӣ қайд мешавад, ки дар марҳилаи ҳозираи тараққиёти иқтисодӣ пешравии ҳар як давлат аз инкишофи илму техника ва рушди инноватсионӣ ба ҳисоб рафта, давлат барои устувор намудани самти мазкур ба иқтидорҳои илмӣ-техникӣ ва ташаккули соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ диққати аввалиндараҷа медиҳад.

Муаллиф ба хулосае меояд, ки равандҳои рушди фаъолияти корхонаҳои саноатиро, аз ҷумла саноати хӯрокворииро бидуни ҷорӣ намудани инноватсия ва идоракунии он тасаввур кардан ғайри имкон аст. Яъне таъсири инноватсия ба соҳаи саноати хӯрокворӣ ҳамчун омили рушди устувори иқтисодиёти инноватсионӣ нишон дода мешавад.

Муҳаққиқ дар асоси таҳлилу таҳқиқотҳои худ вазъи истеҳсолии корхонаҳои саноати хӯрокворииро дар сатҳи зарурӣ рушднаёфта ҳисобида, дар ин самт пешниҳодоти дақиқ барои расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ пешниҳод намудааст.

Дар саҳифаи 9-уми автореферат уновнҷӯ сарчашмаҳои назариявӣ ва нуктаи назари худро доир ба рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мавриди баррасӣ қарор дода, сатҳи рушдёбии иқтисодиро муайян намудааст.

Ҳамин тариқ, муаллиф доир ба идоракунии рушди инноватсионии саноати хӯрокворӣ равишҳои гуногуни методологиро муайян ва пешниҳод кардааст, ки онҳо

барои пешбурди идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквории нақши калидӣ доранд.

Аз рӯйи автореферат хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар ҳақиқатан арзёбии фаъолият ва фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквориро дар замони муосир мавриди баррасӣ қарор дода, мавқеи соҳаи саноати хӯроквориро дар иқтисодиёт дар сатҳи зарурӣ нишон додааст.

Ба муаллиф муяссар шудааст, ки вазъи истеҳсолии корхонаҳои саноати хӯроквориро дар замони муосир мавриди таҳлил қарор дода, омилҳои таъсиррасон ба рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквориро нишон диҳад.

Ба кори илмии таҳқиқшаванда баҳои мусбат дода, чунин эродро мехоҳам байён созам:

1. Дар саҳифаи 10-и автореферат муаллиф якчанд принсипҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст, аммто то кадом дараҷа ин принсипҳо ба рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквории таъсир мерасонанд қайд накардааст.

Камбудии мазкур ба мазмун ва мундариҷаи автореферат таъсири манфӣ намерасонад, зеро натиҷаҳои илмӣ ва навгониҳои бадастомада аз аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти илмӣ шаҳодат медиҳанд.

Аз баррасии автореферат бармоеяд, ки диссертатсияи номзадии Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи "Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯроквории)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарриз**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**и.в. дотсенти кафедраи**
**менеҷмент ва маркетинг** **Наврӯз Носирӣ**

Имзои н.и.и., и.в. дотсент Н.Носириро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати**
**кадрҳо ва корҳои махсус** **Амиров Ф.А.**

**Суроға:** Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ». 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, тел.: (+992 3322) 2-35-06, 2-35-09, факс: (+992 3322) 2-35-06.
E-mail: info@kgu.tj